**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзӯи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. Таърихи ватан.**

Дар тӯли таърихи рушди Тоҷикистон масъалаи бартараф намудани мушкилоти коммуникатсионӣ ва ташкили низоми ягонаи нақлиётӣ ҳамеша аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини давлат ба шумор мерафт. Хусусан дар шароити кӯҳистонии кишвар, ки бисёр минтақаҳо дар фаслҳои муайяни сол аз марказҳои маъмуриву иқтисодӣ ҷудо мемонданд, бунёди роҳҳои автомобилгард, нақбҳо, пулҳо ва дигар иншооти муҳандисии нақлиётӣ барои таъмини робитаи доимӣ аҳаммияти ҳаётӣ дошт. Дар ин замина, ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун василаи муттаҳидсозии фазои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат нақши калидӣ бозид.

Дар давраи истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсиониро ба яке аз самтҳои афзалиятноки стратегии рушди миллӣ табдил дод. Амалӣ гардидани як қатор лоиҳаҳои бузурги роҳсозӣ, сохтмони нақбҳои стратегӣ, таҷдиди роҳҳои байналмилалӣ ва бунёди пулҳои байнидавлатӣ имконият фароҳам овард, ки кишвар тадриҷан ба шабакаҳои минтақавӣ ва байналмилалии нақлиётӣ пайваст гардад. Ин раванд на танҳо ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намуд, балки барои таҳкими мавқеи геополитикии Тоҷикистон дар минтақа низ заминаҳои устувор фароҳам овард.

Қобили зикр аст, ки масъалаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки он бо масъалаҳои таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини тамомияти арзии кишвар ва устувории фазои иҷтимоиву сиёсӣ робитаи мустақим дорад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои релефи ниҳоят мураккаби кӯҳистон ва шароити махсуси ҷуғрофӣ дар тӯли солҳои зиёд ба мушкилоти ҷиддии коммуникатсионӣ рӯ ба рӯ буд. Мавҷуд набудани шабакаҳои боэътимоди нақлиётӣ сабаб мегардид, ки бисёр минтақаҳои дурдасти кишвар аз марказҳои муҳими сиёсиву иқтисодӣ ҷудо монанд ва робитаҳои дохилии ҷумҳурӣ бо мушкилоти ҷиддӣ амалӣ гарданд.

Махсусан, минтақаҳои кӯҳистонии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, водии Рашт ва дигар ноҳияҳои баландкӯҳ, бинобар шароити душвори табиӣ ва норасоии роҳҳои замонавӣ, солҳои тӯлонӣ дар ҳолати маҳдудияти коммуникатсионӣ қарор доштанд. Дар фаслҳои зимистон ва мавсими боришоти зиёд робита бо баъзе минтақаҳо қариб пурра қатъ мегардид, ки ин вазъият ба рушди иқтисодӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва сатҳи

зиндагии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонд. Аз ин рӯ, бунёди роҳҳои автомобилгард, пулҳо, нақбҳо ва дигар иншооти муҳандисии нақлиётӣ ҳамчун омили ҳаётан муҳимми муттаҳидсозии фазои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар аҳаммияти стратегӣ касб намуд.

Айнулозода Н.А. дар таҳқиқоти илмии худ зери унвони «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» қайд менамояд, ки ташаккули шабакаҳои муосири роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон танҳо раванди сохтмони инфрасохтор набуда, балки як марҳилаи муҳими таърихии таҳкими давлатдории миллӣ ва ваҳдати саросарии кишвар мебошад. Зеро маҳз тавассути ташкили низоми ягонаи нақлиётӣ имконият фароҳам омад, ки минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба ҳам пайваст гардида, равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хусусияти воҳид пайдо намоянд. Дар ин замина, рушди роҳу нақлиёт ҳамчун василаи муҳими муттаҳидсозии ҷомеа ва таҳкими суботи дохилӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон, аҳаммияти стратегии соҳаи роҳу нақлиёт дар давраи истиқлолияти давлатӣ боз ҳам бештар гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсиониро ҳамчун яке аз ҳадафҳои калидии рушди миллӣ муайян намуда, барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ тадбирҳои муҳиму муассир амалӣ кард. Бунёди роҳҳои байналмилалӣ, сохтмони нақбҳои стратегӣ, таҷдиди долонҳои транзитӣ ва пайваст гардидани Тоҷикистон ба шабакаҳои байналмилалии нақлиётӣ имконият дод, ки кишвар тадриҷан ба як ҳалқаи муҳими транзитӣ дар минтақа мубаддал гардад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқ кӯшиш намудааст, ки таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёти ҷумҳуриро дар заминаи таҳлили фарогири сарчашмаҳои бойгонӣ, маълумоти оморӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти илмии мутахассисони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор диҳад. Дар натиҷа, таҳқиқот хусусияти мукаммали илмӣ касб намуда, ҷанбаҳои асосии рушди соҳаи роҳу нақлиётро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ инъикос менамояд.

Дар муқаддимаи автореферат дуруст таъкид менамояд, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди миллӣ мубаддал гардидааст. Дар ҳақиқат, татбиқи лоиҳаҳои бузурги нақлиётӣ, аз ҷумла сохтмони роҳҳои байналмилалӣ, нақбҳо, пулҳо ва таҷдиди долонҳои транзитӣ, на танҳо иқтисодиёти кишварро фаъол гардонид, балки имконият фароҳам овард, ки Тоҷикистон тадриҷан ба як кишвари муҳими транзитӣ дар минтақа табдил ёбад.

Дарачаи омӯхтани масъала дар автореферат бо риояи меъёрҳои илмӣ ва таҳлилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф доираи васеи адабиёти илмии ватаниву хориҷиро истифода намуда, саҳми олимон ва муҳаққиқонро дар омӯзиши масъалаҳои роҳсозӣ ва рушди нақлиёт таҳлил кардааст. Аз ҷумла, осори олимони давраи шӯравӣ, ки асосан ба ҷанбаҳои техникию истеҳсолии рушди роҳу нақлиёт бахшида шудаанд, ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон, таҳқиқоти муҳаққиқони давраи истиқлол, ки масъалаҳои геополитикӣ, иқтисодӣ ва стратегии рушди инфрасохтори нақлиётиро мавриди омӯзиш қарор додаанд, таҳлил шудаанд.

Дар асоси таҳлили таърихнигории масъала муаллиф ба хулосаи илмии дуруст мерасад, ки таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёти Тоҷикистон то имрӯз дар шакли як таҳқиқоти фарогири мукаммал ва марҳилавӣ мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст. Маҳз ҳамин омил зарурати таҳқиқоти мазкурро боз ҳам бештар менамояд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мантиқӣ, илмӣ асоснок ва бо муҳтавои мавзуи интихобгардида мутобиқати комил доранд. Мақсади асосии таҳқиқот ба бозофарии манзараи таърихии ташаккул ва рушди соҳаи роҳу нақлиёт, муайян намудани қонуниятҳо ва хусусиятҳои асосии рушди он, инчунин арзёбии нақшу ҷойгоҳи инфрасохтори нақлиётӣ дар пешрафти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Барои ноил шудан ба ин мақсад муаллиф як қатор вазифаҳои муҳимро муайян намудааст, аз ҷумла:

– таҳлили заминаҳои ташаккули роҳҳои автомобилгард дар солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ;

– омӯзиши нақши роҳи оҳан дар рушди саноати миллӣ;

– таҳқиқи раванди механиконии соҳаи нақлиёт;

– баррасии аҳаммияти авиатсияи гражданӣ дар шароити кӯҳистон;

– таҳлили сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ;

– арзёбии аҳаммияти лоиҳаҳои стратегии нақлиётӣ дар давраи истиқлолият.

Объекти таҳқиқот дар ин кори илмӣ ҳамчун маҷмӯи падидаҳо ва ҷараёнҳои вобаста ба ташаккулёбӣ, густариш ва такмили низоми роҳу нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Он тамоми марҳилаҳои рушди инфрасохтори нақлиётиро дар робита бо дигар самтҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар фаро мегирад ва ҳамчун заминаи умумии таҳлил хизмат менамояд.

Мавзуи таҳқиқот бошад, ба омӯзиши таҷрибаи таърихии фаъолияти сохторҳои давлатӣ, мақомоти идоракунандаи соҳа ва дигар ниҳодҳои марбут

ба бунёд, навсозӣ ва истифодаи роҳу воситаҳои нақлиёт равона карда шудааст. Дар ин самт, механизмҳои банақшагирӣ, татбиқи лоиҳаҳо ва равандҳои амалии идоракунии инфрасохтор дар давраҳои гуногун мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф барои аввалин бор кӯшиш намудааст раванди таърихии рушди соҳаи роҳу нақлиёти Тоҷикистонро ҳамчун як низоми ягона ва пайваста баррасӣ намояд. Дар асоси таҳлилҳои анҷомёфта, марҳилаҳои инкишофи соҳа бо дидгоҳи нав ҷудо ва тавсиф гардида, хусусиятҳои хоси ҳар давра аз лиҳози тағйироти сиёсӣ, равандҳои иқтисодӣ ва шароити иҷтимоӣ ошкор карда шудаанд.

Ҳамзамон, дар кори таҳқиқот масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ ва фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ дар раванди таҷдиду тавсеаи инфрасохтори нақлиётии кишвар дар солҳои истиқлолият мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифтааст. Бо истифода аз далелҳои воқеӣ ва манбаъҳои нав, таъсири ин омилҳо ба беҳтаршавии шабакаҳои роҳ, густариши алоқаи байниминтақавӣ ва рушди имкониятҳои иқтисодии кишвар бо таҳлили илмӣ собит гардидааст.

Дар боби аввали рисола омӯзиши масъала ва заминаҳои ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистон мавриди баррасии амиқ қарор дода шудааст. Айнулозода Н. рушди таърихнигории ин самт ва пояҳои манбаъшиносиро бо такя ба усулҳои муосири таҳлили илмии таърихӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Қайд карда мешавад, ки дар давраи шӯравӣ таҳқиқоти марбут ба соҳаи роҳу нақлиёт асосан ба масъалаҳои техникӣ ва истеҳсолӣ нигаронида шуда, ҷанбаҳои стратегии дарозмуддат ва масъалаҳои марбут ба мавқеи геополитикии инфрасохтор камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор доштанд.

Дар шароити даврони истиқлолият бошад, самти омӯзиш тағйир ёфта, масъалаҳои марбут ба равандҳои транзитӣ, пайвастшавии минтақавӣ ва таъмини амнияти коммуникатсионӣ ба унсурҳои калидии таҳқиқот табдил ёфтаанд ва аҳаммияти афзалиятнок касб намудаанд.

Боби дуюми рисола ба ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва инфрасохтори роҳсозӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 20–40-уми асри хх бахшида шудааст. Дар он таъкид мешавад, ки дар оғози фаъолияти давлатдории навбунёд корҳои роҳсозӣ бо як қатор монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ буданд, аз ҷумла камбуди воситаҳои техникӣ, норасоии захираҳои молиявӣ ва нарасидани кадрҳои касбӣ, ки суръати пешрафти соҳаро маҳдуд менамуданд.

Дар байни лоиҳаҳои муҳими он давра, сохтмони шоҳроҳи Ош – Хоруғ мавқеи хоса дорад, ки он ҳамчун як дастоварди назаррас арзёбӣ мегардад. Ин масир дар рафъи маҳдудияти ҷуғрофии минтақаи Бадахшон ва таъмини

робитаи он бо марказҳои маъмурӣ ва иқтисодии кишвар нақши ҳалкунанда бозидааст.

Илова бар ин, дар боби мазкур фаъолияти низоми нақлиёт дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ низ мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон дар он давра ба иҷрои вазифаҳои муҳими стратегӣ, аз ҷумла таъмини эҳтиёҷоти фронт ва интиқоли захираҳои зарурӣ, саҳми назаррас гузоштааст.

Боби сеюми рисола ба аҳаммияти бунёди шабакаҳои роҳи оҳан ва авиатсияи гражданӣ дар тараққиёти хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар боби мазкур ҷойгоҳи роҳи оҳан ҳамчун яке аз унсурҳои калидии низоми нақлиётӣ мавриди омӯзиши махсус қарор гирифтааст. Муаллиф бар он ишора менамояд, ки рушди шабакаи роҳи оҳан дар ин давра ба пешрафти саноатикунонии ҷумҳурӣ заминаи устувор фароҳам овардааст.

Боби чоруми рисола ба механикунонии хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 50 – 80 - уми асри XX бахшида шуда, равандҳои ташаккули авиатсияи гражданӣ аз лаҳзаҳои аввалини ба роҳ мондани парвозҳои дохилӣ то ба сатҳи таъсис ва фаъолияти фурудгоҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Муаллиф зинаҳои инкишофи авиатсияи граждаииро дар заминаи дигаргуниҳои таърихӣ ва талаботи иҷтимоию иқтисодӣ таҳлил намуда, таҳаввули онро ҳамчун як ҷузъи муҳими низоми ягонаи нақлиётӣ нишон дода, ба аҳаммияти стратегии авиатсия дар таъмини робитаи минтақаҳои душворгузари кӯҳистонӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намудааст.

Боби панҷуми рисола идомаи барқарорсозии инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳани ҶШС Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XX таҳқиқ гардида, дар он тағйироти куллӣ дар сиёсати давлатӣ нисбат ба соҳаи роҳу нақлиёт нишон дода шудааст. Таъкид мешавад, ки баъди ба даст овардани истиқлолият инфрасохтори нақлиётӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди миллӣ табдил ёфтааст.

Дар ин давраи таърихӣ як силсила барномаҳои бузургҳаҷми дорои арзиши баланди стратегӣ амалӣ гардидаанд, ки онҳо дар шаклгирии чеҳраи нави низоми муосири нақлиёти ҷумҳурӣ таъсири амиқ ва муайянкунанда гузоштаанд.

Аз ҷумла, масъалаи бунёд ва ба истифода додани нақбҳои муҳандисии дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ «Истиқлол», «Шаҳристон», «Чормағзак» ва «Хатлон» дар доираи таҳлили илмӣ мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои баррасӣ нишон медиҳанд, ки ин иншооти зерсохторӣ на танҳо дар коҳиши тӯли масирҳо саҳм гузоштанд, балки низоми ҳаракати

наклиётро аз вобастагӣ ба мавсимият берун оварда, кори мунтазам ва устувори онро дар тамоми сол таъмин намуданд. Дар баробари ин, онҳо ба густариши робитаҳои иқтисодии байни минтақаҳо ва баланд бардоштани сатҳи ҳамгироии дохилӣ мусоидати назаррас расониданд.

Ҳамзамон, дар боби мзакур масъалаи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули шабакаҳои байналмилалии транзитӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст. Дар ин замина, бунёди пулҳо дар болои дарёи Панҷ ва пайвастшавии кишвар ба масирҳои муҳими наклиётии байналмилалӣ ҳамчун яке аз дастовардҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисод ва муносибатҳои хориҷӣ арзёбӣ мегардад.

Боби шашуми рисола ба масъалаи раванди таҳаввул ва рушди соҳаи наклиёти Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст. Дар ин бахш муаллиф бо такя ба маводи оморӣ ва маълумоти таҳлилӣ тағйироти сифатӣ ва миқдориро, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ дар низоми наклиётии кишвар ба амал омадаанд, мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки дар ин марҳила соҳаи роҳу наклиёт ба сатҳи нави инкишоф ворид гардида, суръати бунёд ва навсозии роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ афзоиши назаррас касб намудааст. Ҳамзамон, равандҳои таҷдиди инфрасохтори мавҷуда ва тавсеаи имкониятҳои транзитӣ бо нишондиҳандаҳои баландтар нисбат ба давраҳои қаблӣ тавсиф мегарданд, ки ин аз дигаргуншавии сифатии соҳа шаҳодат медиҳад.

Аз нуқтаи назари арзиши назариявӣ, натиҷаҳои таҳқиқот заминаи муҳим барои ташаккули равишҳои нав дар омӯзиш ва таҳияи моделҳои рушди инфрасохтори наклиётӣ дар шароити кишварҳои дорои хусусиятҳои кӯҳистонӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар баробари ин, аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки маводи бадастомада метавонад ҳангоми таҳияи адабиёти таълимӣ, курсҳои махсуси омӯзишӣ, барномаҳои давлатӣ ва консепсияҳои дурнамои рушди соҳаи наклиёт истифода бурда шавад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз ҳуҷҷатҳои Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгониҳои соҳавии Вазорати наклиёт, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маводи оморӣ, матбуоти даврӣ ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олиро истифода намудааст. Ин омил ба таҳқиқот хусусияти илмӣ ва эътимоднокии баланд мебахшад.

Дар маҷмӯъ, метавон хулоса намуд, ки автореферати диссертатсионии Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзӯи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу наклиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта, мустақил ва дорои сатҳи баланди илмӣ арзёбӣ

мегардад. Мундариҷа, сохтор ва натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот ба меъёрҳо ва талаботи муқарраргардидаи корҳои илмии сатҳи докторӣ пурра мутобиқат менамоянд. Бо дарназардошти арзиши илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқоти мазкур, Н. Айнулозода метавонад барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватан пешниҳод ва шоистаи он дониста шавад.

**Муқарриз:**
**Ноиби ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон**
**ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Қурбонов Б.Р.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,**
**ноҳияи Сино, маҳаллаи Чортути боло,**
**гузаргоҳи 3, хонаи 1337**
**Тел:934444152. Kurbonovv1965@mail.ru**

**Имзои Қурбонов Баҳром Раҳмоновичро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо,**
**таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузории**
**ДИТ ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа**
**Нуъмон ибни Собит** **Ҷомадов Х**

29 майи 2026 сол.